«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор Хушвахтзода Қ. Х.
______________
«___» ___________ соли 2020

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонализода Фурқат дар мавзӯи «Проблемаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд-ДМТ) банақшагирифташуда пурра анҷом дода шудааст.

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонализода Фурқат дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 2 – юми апрели соли 2016 (суратҷаласаи таҳти № 7 (15 - 16)) тасдиқ шудааст.

Унвонҷӯй Қурбонализода Фурқат соли 2014 шӯъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ-ро бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ – 24010200 хатм кардааст.

Маълумотнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз ҷониби ДМТ 31 – уми августи соли 2019, таҳти № 3839 дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Ғаюров Шукрулло Кароматуллоевич, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонализода Фурқат дар мавзӯи «Проблемаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ муҳокима

ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст. Дар натиҷаи  он, чунин **хулоса** қабул гардид:

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар шароити имрӯзаи бозори хизмат масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон аҳаммияти муҳим пайдо кардаанд. Аз ҳалли он масъалаҳои дигар низ вобастагӣ доранд, масалан, бо таъмини интизом ва ҳосилнокии меҳнат, амнияти инсон, коргар ва хизматчӣ алоқаманд мебошанд ва дигар ҷиҳатҳои иҷтимоии иқтисодиёти меҳнатро дар бар мегирад.

Дар моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидае муқаррар шудааст, ки «давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд». Ба таври дахлдор риоя намудани меъёри мазкур барои расидан ба беҳбудии умумии иштирокчиёни бозор ва амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегии мамлакат мусоидат мекунад. Бинобар ин, ҷавобгарии интиқолдиҳанда ва босалоҳиятона татбиқ намудани механизми ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ индикатори муҳими ҳаёти ҳуқуқӣ ва волоияти қонун на танҳо дар соҳаи нақлиёти иқтисодиёти миллӣ, балки тамоми соҳаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад.

Дар соҳаҳои боркашонӣ ва мусофиркашонӣ бо сабабҳои гуногун баъзан низоҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳо ба назар мерасанд, ки бояд чунин ҳолатҳо  дар ҳуқуқи гражданӣ танзим карда шаванд. Ҳифзи ҳуқуқҳои субъективии интиқолдиҳанда ва контрагентҳои он ба андозаи хеле калон аз самаранокии институти ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ вобаста буда, муҳим будани мавзӯи таҳқиқотро муайян мекунад ва зарурати коркарди муносибати навро ба проблемаи ин институти ҳуқуқи гражданӣ ин ё он тавр алоқаманд ифода менамояд.

Танзими ҳуқуқии алоқаи нақлиётӣ барои амнияти худи нақлиёт, инкишофи он, инчунин риояи манфиатҳои қонунии муштариёни ташкилотҳои нақлиётӣ аҳаммияти хосса дорад. Нақлиёти мусофиркашонӣ

яке аз воситаҳои муҳимми алоқа буда, намуди нақлиёти босуръат инкишофёбанда мебошад. Бинобар ин, дар солҳои охир манбаъҳои танзими ҳуқуқии мусофиркашонӣ доимо нав карда мешаванд. Дар низоми меъёрҳои ҳуқуқии дахлдор, махсус ҳамон қисмаш ҷудо карда мешавад, ки хизматрасонии нақлиётиро ба шахсони воқеӣ танзим менамояд. Масъалаи калидии ин муносибатҳо шартномаи ҳамлу нақл мебошад. Беҳуда нест, ки татбиқи ҳуқуқ ва иҷрои уҳдадориҳои тарафҳои шартнома, инчунин муайян намудани ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон мавзӯи таҳқиқоти мазкур мебошад.

Тоҷикистон шароити махсуси табиӣ – иқлимии худро дорад. Дар он 93 дар сади ҳудудаш кӯҳҳо буда, табиист, ки дар чунин шароит нақлиёти автомобилӣ аҳаммияти муҳимми стратегӣ пайдо мекунад. Дар байни дигар намудҳои воситаҳои нақлиёт он ҷойи махсус дошта, фақат нақлиёти автомобилӣ ҳамлу нақли доимии дохилиро таъмин менамояд, ки фарогири ҳамаи ноҳияҳо, шаҳрҳо ва вилоятҳои мамлакат мебошад.

Аз рӯи ҳолатҳои овардашуда, эътироф намудан мумкин аст, ки масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳама ҷиҳат муҳим буда, барои таъсиси механизми самараноки чунин намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ кодификатсиякунонии фаъоли асосҳои меъёрӣ – ҳуқуқии соҳа идома дорад, ки дар натиҷаи он Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд. Фаъолияти меъёрэҷодкунӣ дар ин соҳа идома дорад.

Ҳамзамон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳоло модели замонавии механизми ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон вуҷуд надорад. Илова бар он, дар ин соҳа камбудиҳои қонунгузорӣ вуҷуд доранд, ки ҳалли худро меҳоҳанд. Коркарди конструксияи самараноки ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон яке аз роҳҳои ҳалли ин масъала буда, барои донишафзунӣ ва такмили қонунгузории гражданӣ замина мегузорад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** асарҳои муҳаққиқон, ки ба таҳлили ҷиҳатҳои гуногуни проблемаи ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон бахшида шудаанд, мебошанд. Дар навбати аввал асарҳои С. С. Алексеев, М. М. Агарков, Б. С. Антимонов, Н. Г. Александров, И. Брауде, В. А. Белов, Е. В. Богданова, С. Н. Братус, В. П. Грибанов, А. Г. Диденко, Б.Д. Завидова, С. А. Зинченко, О. С. Иоффе, Ю. Х. Калмиков, В. П. Мозолин, Н. С. Малеина, О. С. Иоффе, Е. А. Суханов, Е. А. Флейшиц, Г. Ф. Шершеневич ва дигарон.

**Навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар муносибати муаллифона дар коркарди асосҳои назариявӣ ва амалии моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон, дар кушодани мафҳум ва аломатҳои хоси он, дар таҳлили хусусиятҳои чораҳои ҳифз ва чораҳои ҷавобгарии молумулкӣ ҳангоми иҷро накардани ухдадории интиқолдиҳанда татбиқ мешаванд ва пешниҳоди таклифҳо барои такмили механизми ҷавобгарии ҳуқуқи граждании интиқолдиҳанда дар мавриди мусофиркашонӣ инъикос мегарданд.

**Муҳиммияти амалии диссертатсия** аз он иборат аст, ки хулоса ва дар заминаи онҳо пешниҳодҳои таҳияшуда маҳсули таҳқиқоти мазкур буда, барои такмили механизми ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон ва таъмини амнияти нақлиётии мусофирон мусоидат менамояд.

Маводҳои диссертатсия барои таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ дар ин соҳа, барои таълимоти курсҳои «Ҳуқуқи гражданӣ» ва «Ҳуқуқи нақлиётӣ», инчунин курсҳои махсус ва семинарҳои махсуси ҳуқуқи гражданӣ дар факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шуда метавонанд.

**Сатҳи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоснокии илмии нуқтаҳои нахустини назариявии он, имконияти дар амалияи ҳуқуқӣ татбиқшавии он ва манбаъҳои истифодашуда ифода мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси омӯзиши асосҳои назариявии ҷавобгарии ҳуқуқи

гражданӣ, таҳлили қонунгузории амалкунандаи нақлиётии мамлакат ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти суд ва мақомоти идоракунии соҳавӣ ба вуҷуд омадааст.

**Иштироки шахсии унвонҷӯй дар дарёфти натиҷаҳои диссертатсия.** Дар ҷараёни таҳқиқот унвонҷӯй ба таври комплексӣ проблемаи ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашонро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, муҳим будани ин мавзуро асоснок кард ва мафҳумҳои ба мавзӯи диссертатсия робитадоштаро таҳия намуд, дастовардҳо ва камбудиҳои татбиқи меъёрҳои дахлдорро ошкор карда, чораҳои такмили механизми ҷавобгарии ҳуқуқии мусофиркашон ва таъмини амнияти мусофиронро дар нақлиёт пешниҳод намудааст.

**Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва иттилоот оид ба истифодаи онҳо.** Диссертатсияи мазкур дар кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ таҳия шудааст ва борҳо муҳокима гардида, ба ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 002 – и назди ДМТ тавсия шудааст.

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти мазкур ҳангоми хондани лексия ва машғулиятҳои амалии фанҳои таълимии «Ҳуқуқи гражданӣ», «Ҳуқуқи нақлиётӣ» ба донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, дар мақолаҳо ва дигар асарҳо, дар маърӯзаҳои илмӣ ва дар чорабиниҳои илмии сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд. Ҳамин тавр, натиҷаҳои таҳқиқот аз соли 2014 то инҷониб дар конференсияҳои ҳамасолаи апрелии кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ва конференсияҳои зерин дастрас шудаанд: «Низоми миллии ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ: таҳлили тамоил ва инкишофи оянда». Конференсияи V байналмилалии илмӣ – амалӣ (Душанбе, 31 – уми октябри соли 2017); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 8 июни соли 2019); Семинари ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами қонунгузории замин, экологӣ ва нақлиёт» (26. 09. соли 2020, толори Маркази таълимии муқовимат ба савдои одамон, факултети

ҳуқуқшиносии ДМТ); конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (8. 10. соли 2020, толори Маркази таълимии муқовимат ба савдои одамон, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) ва дигар.

Пешниҳодҳои муаллиф барои таҳрири нави қисмҳои 3 – 6 моддаи 806 «Шартномаи мусофиркашонӣ» ва қисмҳои 2 – 3 моддаи 809 «Ҳамлу нақл тавассути нақлиёти истифодаи умум» ҳангоми таҳрири нави Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми дуюм) истифода шудаанд.

**Хулосаҳои асосии илмӣ ва пешниҳодҳои унвонҷӯӣ** дар ҳаҷми умумии 3, 36 ҷ. ч., дар 8 мақола инъикос шудааст, 5 мақола аз ин теъдод дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2, 56 ҷ. ч.), инчунин дар як воситаи таълимии «Ҳуқуқи нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (9,5 ҷ. ч.) чоп шудаанд.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

1. Курбонализода, Ф. Понятие и правовая природа гражданско-правовой ответственности перевозчика при перевозке пассажиров / Ф. Курбонализода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально – экономических и общественных наук – 2017. – № 2/1.– С. 233–237. (0, 25 п.л.).

2. Курбонализода, Ф. Содержание обязательств, возникающих из неисполнении или ненадлежащем исполнении обязанностей перевозчика/ Ф. Курбонализода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально – экономических и общественных наук – 2017. – № 2/3.– С. 203–210. (0, 44 п.л.).

3. Курбонализода, Ф. Гражданско – правовая ответственность перевозчика за задержку отправления пассажира или нарушения сроков доставки пассажира в определенное место/Ф. Курбонализода // Вестник

Таджикского национального университета. Серия социально – экономических и общественных наук – 2019. – № 2.– С. 245–253. (0, 5 п.л.).

4. Курбонализода, Ф. Классификация гражданско – правовой ответственности перевозчика при перевозке пассажиров/Ф. Курбонализода //Правовая жизнь. – Душанбе: Типография ТНУ.- 2019.- № 1 (25). – С. 157 – 169. (0,75 п.л.).

5. Курбонализода, Ф. Некоторые вопросы исполнения обязательства по перевозке пассажиров // Правовая жизнь. – Душанбе: Типография ТНУ.- 2020.- № 2 (30). – С. 203 – 213. (0,62 п.л.).

**Мақолаҳои илмие, ки дар дигар интишороти илмӣ чоп шудаанд:**

6. Курбонализода, Ф. Правовое регулирование мер защиты применяемые пассажирам при неисполнении обязанностей перевозчика / Ф. Курбонализода // Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: Анализ тенденций и перспектив развития» V Международная научно-практическая конференция (Душанбе, 31 октября 2017г.). – С. 213-216. (0, 2 п.л.).

7. Курбонализода, Ф. Гражданско – правовая отвественность перевозчика при перевозке пассажиров / Ф. Курбонализода// Маводи конференсияи чумхуриявии илмии – назариявии олимони чавони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Мактаби сулхпарваронаи Пешвои миллат – Роҳнамои ҷавонон барои имрӯзу ояндаи дурахшон», бахшида ба 20 солагии Вахдати миллӣ ва Соли ҷавонон 18 – 19 майи соли 2017.– С.210 – 215. (0, 3 п.л.).

8. Курбонализода, Ф. Некоторые проблемы правового регулирования мер имущественной ответственности перевозчика при перевозке пассажиров / Ф. Курбонализода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2018.– №1/3 – С. 85-90. (0, 3 п.л.).

9. Курбонализода, Ф. Транспортное право Республики Таджикистан. Общая часть: учебное пособие. / Ф. Курбонализода –

Душанбе: «Хирадмандон», 2020. – 152с. (9, 5 п.л.). – В соавторстве (Гаюров Ш. К., Курбонов К. Б., Одиназода Р. С.).

Асарҳои интишоршуда пурра маҳсули фаъолияти эҷодии унвонҷӯй мебошанд. Унвонҷӯй мавзӯи илмии худро аз соли 2014 огоз намуда, барои ҳосилшудани донишҳои нав, ошкоро баённамудани мушкилоти мусофиркашонӣ ва пешниҳоди таклифҳо ҷиҳати такмили механизми ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон заҳмат кашидааст.

Диссертатсия ба ихтисоси илмии 12. 00. 03 – Ҳуқуқи граждани̣; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пурра мутобиқат дорад.

Диссертатсияи Курбонализода Фуркат дар мавзӯи «Проблемаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» асари илмии анҷомёфта буда, ба талаботҳои бандҳои 10, 11, 12 ва 16 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 – уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад.

Диссертатсияи Курбонализода Фуркат дар мавзӯи «Проблемаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҳимоя баҳри дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мувофиқи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ тавсия дода мешавад ва мумкин аст, ки дар сомонаи расмии ДМТ дар шабакаи иттилоотӣ – коммунакатсионии «Интернет» ҷойгир карда шавад.

Хулосаи мазкур, баъд аз муҳокимаҳои зиёд дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ қабул гардид. Дар он 17 нафар аъзоёни кафедра иштирок доштанд. Дар асоси пешниҳоди устодони собиқадори кафедра масъалаи ба ҳимоя тавсия намудани диссертатсияи Курбонализода Фуркат дар мавзӯи «Проблемаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҳимоя баҳри дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

мувофиқи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба овоздиҳӣ монда шуд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ чунин аст: «тарафдор» - 17 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест (суратҷаласаи таҳти № 2 аз 29 - уми августи соли 2020.).

**Иҷрокунандаи вазифаи раиси ҷаласа,**

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи граждании факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ: Курбонов Қ. Б.

**Котиби ҷаласа,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: Саидов Ҳ. М.

Имзоҳои Курбонов Қ. Б., Саидов Ҳ. М.-ро
тасдиқ менамоям.
Сардори РК ва КМ ДМТ: Тавқиев Э. Ш.